# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шоҳназаров Б. дар мавзӯи “Коркарди чорабиниҳои самаранок оид ба ҳифзи маҳалҳо аз ярчҳо (дар мисоли ноҳияи Файзободи Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 25.00.08 – Геологияи муҳандисӣ, хокшиносӣ, яхбандишиносӣ

Диссертатсия дар кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисии факултети геологияи Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон таҳти роҳбарии доктори илмҳои техникӣ, профессор О. Д. Комилов аз тарафи унвонҷӯ Б. Б. Шоназаров иҷро гардидааст.

Мақсади кори мазкур омӯзиши қонуниятҳои рушди ярчҳо дар шароитҳои гуногуни муҳандисӣ-геологӣ ва геоморфологии ноҳияи Файзобод, пешгӯӣ ва асосноккунии самтҳои умумии муборизаи зидди онҳо мебошад. Вобаста ба мавзӯи мазкур корҳои омӯзиши муҳандисӣ-геологии қитъаҳои ярчдор, намунабардорӣ аз хок, таҳқиқоти лабораторӣи таркиби хокҳо, ҷамъоварӣ, таҳлилу истифодаи адабиёти нашргардида ва маводҳои фонди иттилооти геологӣ, бурда шудаанд.

Аз тарафи муаллиф масъалаҳои асосии зерин барои ҳимоя пешниҳод карда шудаанд:

1. Гузаронидани таснифоти муосири хатари ярчҳо, ки бо азхудкунии қитъаҳо ва қитъаҳои ярчиву хатарнок дар давоми даҳсолаи охир алоқаманд мебошанд.

2. Муайян кардани усулҳои ҳисоби мустаҳкамии ярчҳо, ки ба ҳолати воқеии ҷойдоштаи хокҳо ва шароити муосири муҳандисӣ-геологии дар қитъаҳои ярчӣ мувофиқ мебошанд.

3. Муайян кардани коэффитсиенти самаранокии мустаҳкамии нишебиҳо аз рӯи тавсифи ҳисоби мустаҳкамии онҳо.

Бояд қайд намуд, ки муаллиф вобаста ба мавзӯи мазкур кори зиёдеро анҷом дода, оид ба ҳашт қитъаи ноҳияи Файзобод шумораву ҷойгиршавии ярчҳо, нишебии ярчҳо, шаклҳои лағжиш ва ғайраҳоро мавриди омӯзиш қарор додааст. Ӯ вобаста ба нишебии ҷойгиршавии ярчҳо ва эҳтимолияти лағжиши онҳо далелҳои илмии мантиқӣ баровардааст. Барои муайян намудани коэффитсиенти “самаранок”-и устуворӣ аз тарафи муаллиф нишондодҳои ҳисобии тавсифоти устувории хокҳои ярчро ташкилдиҳанда, кунҷи соиши дохилӣ ва қувваи часпишро истифода бурдааст. Ҳисобҳои гузаронидаи муаллиф барои бартараф кардани хатари маҳаллҳои аҳолинишин, роҳҳо ва

дигар инфрасохторҳо, ҳамчунин, истифода бурдани нишебиҳо бо мақсади кишоварзӣ, имконият медиҳанд.

Хулоса, навгонии илмии кори пешниҳодгардида ин муайян намудани коэффитсиенти самараноки мустаҳкамии нишебиҳо дар ҳолатҳои гуногуни инкишофи онҳо, ки таъмини амният ҳангоми истифодабарии мавзеъҳо дар хоҷагии халқ ва инчунин, таҳияи чорабиниҳои самаранок оид ба ҳифзи қитъаҳо мебошад.

Бояд қайд кард, ки рисолаи "Коркарди чорабиниҳои самаранок оид ба ҳифзи маҳалҳо аз ярчҳо (дар мисоли ноҳияи Файзободи Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои иқлим ва шароити релефи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзӯи ҳамарӯза буда, кори иҷрокардаи муаллиф ҳамеша мавриди истифода қарор хоҳад гирифт ва барои дарёфт кардани унвони илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 25.00.08 – Геологияи муҳандисӣ, хокшиносӣ, яхбандишиносӣ сазовор дониста мешавад.

И.Оймуҳаммадзода,
номзади илмҳои геология ва минералогия,
Сардори саридораи геологияи назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

23.09.2020